# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзӯи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология**

Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим ба таҳқиқи масъалаи мубрами физиологияи одам ва ҳайвонот, омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти физиологӣ ва равандҳои мубодилавии организми ҳайвоноти ҷавон дар шароити ҳарорати баланди муҳити зист бахшида шудааст. Дар кор диққати махсус ба муайян намудани таъсири гили бентонит ва премикси витаминӣ-минералии «Буққача» ба ҳолати физиологӣ, равандҳои биохимиявӣ, мубодилаи моддаҳо ва нишондиҳандаҳои афзоиши гӯсолаҳо равона гардидааст.

Яке аз омилҳои муҳими маҳдудкунандаи рушди самараноки чорводорӣ дар минтақаҳои дорои иқлими гарм таъсири ҳарорати баланди муҳити беруна ба организми ҳайвонот мебошад. Ҳарорати баланд метавонад боиси афзоиши талафи об ва намакҳои минералӣ, тағйирёбии тавозуни обу намак, коҳиш ёфтани самаранокии истифодаи хӯрок, халалдор шудани баъзе равандҳои мубодилавӣ ва паст гардидани суръати афзоиши ҳайвоноти ҷавон гардад. Аз ин лиҳоз, таҳияи усулҳои мувофиқи ғизодиҳӣ ва истифодаи иловаҳои минералӣ барои нигоҳ доштани фаъолияти муътадили физиологии гӯсолаҳо дар шароити иқлими гарм аҳамияти назаррас дорад.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқоти муаллиф аз он иборат аст, ки таҷрибаҳо дар шароити истеҳсолии хоҷагии зотпарварии кооперативии фермерии ба номи А. Юсупови шаҳри Ҳисор гузаронидааст.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои кори бадастовардаи Каримзода Марворид Олим дар он ифода меёбад, ки истифодаи гили бентонит ва премикси «Буққача» ба як қатор равандҳои физиологӣ ва мубодилавии организми гӯсолаҳо таъсири мусбат расонида метавонад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф қайд менамояд, ки тағйироти мусоид дар ҳазм ва истифодаи моддаҳои ғизоӣ, аз ҷумла сафеда ва равған, инчунин дар нишондиҳандаҳои мубодилаи нитроген ва баъзе аминокислотаҳо ба қайд гирифта шудаанд.

Аз нуқтаи назари физиологӣ омӯзиши нишондиҳандаҳои хун дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Муайян намудани миқдори гемоглобин, эритроситҳо, лейкоситҳо, фраксияҳои сафедагӣ ва глюкоза имкон медиҳад, ки хусусиятҳои тағйирёбии ҳолати дохилии организм ва вокуниши он ба шароити муҳити зист ва таъсири иловаҳои ғизоӣ арзёбӣ карда шавад.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар баробари ҷанбаҳои физиологию биохимиявӣ самаранокии истифодаи иловаҳои таҳқиқшавандаро аз нуқтаи назари иқтисодӣ низ баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои

автореферати диссертатсия нишон медиҳанд, ки истифодаи бентонит ва премикс ҳангоми кам намудани ҳиссаи хӯрокҳои ширӣ имконият медиҳад, ки афзоиши вазни зиндаи гӯсолаҳо дар сатҳи қобили қабул нигоҳ дошта шуда, хароҷоти хӯрок барои истеҳсоли як килограмм афзоиши вазн кам карда шавад. Ин ҳолат аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро барои хоҷагиҳои чорводорӣ бештар мегардонад.

Дар баробари натиҷаҳои мусбат, ҳангоми омӯзиши автореферат баъзе камбудиҳои хусусияти ҷузъидошта низ ба назар мерасанд, ки ба арзиши илмӣ ва амалии кори анҷомдодашуда таъсир намерасонад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз **рӯйи ихтисоси 1.5.34 Физиология** мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи Биологияи тиббӣ
бо ассосҳои генетикаи МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» Искандаров Э.Ҳ.
**Суроға:** ш. Душанбе, н.Сино, кӯчаи Клара Сеткина 2.
Тел: 992 903 03 03 46, E-mail: mahmad-i@mail.ru

Имзои Э. Ҳ. Искандаров-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳои МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» Икромова С.Ш.
**Суроға:** ш. Душанбе, н.Сино, кӯчаи Клара Сеткина 2.
Тел: +992 900 92 61 51

ШУЪБАИ КАДРҲО

12.09.2026